СУРАТМАҶЛИСИ № 53
Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

аз 4-уми июли соли 2026 **ш. Душанбе**

Раис – доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Звайд

Котиби илмӣ – номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Нарзулло Наимович.

Раис: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01-уми октябри соли 2024, тахти №364/шд тасдиқ; шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Ду аъзои дигари он бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниход менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниходи дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1.Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзуи «Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур пешниҳод менамоям, ки хулосаи мусбати комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ шунида шавад.

Қарор қабул карда шуд:

1.Диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзуи «Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович;

- декани факултети педагогика ва филологияи МД “Донишгоҳи байналмилалии Хуҷанд”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва

соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ Рустамзода Завқиддин Рустам;

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6.Санаи ҳимоя 19 сентябри соли 2026, соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.